# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсия таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир, банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор ёфта, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба вориднамоии технологияҳои муҳити тандурустӣ дар раванди таълим, банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: таҷрибаю озмоишҳои ташаккулӣ; баргузории корҳои озмоишии ташаккулдиҳанда ва натиҷагирӣ аз онҳо шарҳу тавсиф шудаанд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки ҳадафи асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар МТМУ таъмин намудани ҳавасмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои тарзи ҳаёти солим, мусаллаҳ кардани онҳо бо дониш, маҳорату малакаҳо барои нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим мебошад. Ҳамзамон, мо таъмини устуворӣ дар низоми «МТМУ - хадамоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ»-ро ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ менамоем. Ташаккули тарзи ҳаёти солим барои истифодаи оқилонаи захираҳои организм ҷиҳати дохил шудан ба фазои таълимии МТМУ имконият фароҳам меорад.

Арзишмандии кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманонро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии таткиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;

- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст;

- роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода намудааст.

Дигар аз корҳои шоёне, ки муҳаққиқи ҷавон дар раванди таҳқиқот анҷом додааст, аз ҷониби мавсуф ба субут расонидани таҳлилу арзёбии нақшаву барномаҳои тарбиявии синфҳои ибтидоӣ дар самти тарзи ҳаёти солим аст. Дар ин қарина муҳаққиқ объективона андешаву хулосаҳои худро иброз намуда, таъкид кардааст: “Тағйирдиҳии ҳаракаткуниҳо барои тандурустии хонандагон муҳим мебошанд. Дар танаффусҳои мактабӣ бозиҳои камҳаракат, миёнаҳаракат ва серҳаракат истифода мешаванд. Тағйироти намудҳои ҳаракаткуниҳо метавонад ба ташаккули малакаҳои ташкили фаъолият, афзоиши миқдори ҳаракатҳои ҷисмонӣ ва ҳамчунин ҳалли масъалаҳои фароғатӣ равона карда шаванд. Истироҳати фаъол ҳангоми танаффус барои ҳалли вазифаю супоришҳои мушкилтар мусоидат карда метавонад, ки асосан аз таъсири ҷузъи статикӣ будани фаъолияти таълимӣ вобаста аст ва самаранокии раванди таълим аз он вобаста аст, ки он то чӣ андоза дуруст ташкил карда

мешавад. Ихтисор кардани вақт ва ё маҳдуд кардани рафтуомади хонандагони мактаб зимни тағйир додани реҷаю тартиби таълим ва танаффусҳо хастагии онҳоро бештар карда метавонад".

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҷдиди назар карда шаванд; роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими синфҳои ибтидоии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд; тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди тарзи ҳаёти солимро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар самти вориднамоии технологияҳои муҳити тандурустӣ таъмин хоҳанд кард.

Хулоса, диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, номзади
илмҳои педагогӣ, декани факултети
тарбияи ҷисмонии Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Файзуллозода Ҳ.Ф.

Маълумот барои тамос: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Лучоб, 67; Тел: +992 988 41 41 90; E-mail:husein.faizullozoda@mail.ru

*Имзои Ҳ.Ф. Файзуллозодаро тасдиқ мекунам.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва*
*котиботи ДТҶТ ба номи С. Раҳимов* *Деҳқонова З.*